«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Насриддинзода Э. С.
__________________
«___»__________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи "Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика ба анҷом расидааст.

**Сафарзода Моҳира Амиралӣ** соли 2007 ба факултети журналистикаи дохил шуда, соли 2012 онро аз рӯйи ихтисоси журналист бо дипломи аъло хатм намуд. Соли 2017 дар мавзуи "Телевизион ва таъсири он ба афкори омма (дар мисоли шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон)" зери роҳбарии докторонии илмҳои филологӣ, профессори шодравон А. Саъдуллоев ва профессор А. Азимов рисолаи номзадии худро ҳимоя кардааст.

Сафарзода Моҳира фаъолияти кориро аз Телевизиони "Тоҷикистон" оғоз намуда, аз соли 2014 то инҷониб ассистент, ассистенти унвондор (соли 2017), муаллими калон (соли 2019)-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи ДМТ фаъолият менамояд.

Мушовири илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ Мурод Бердӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи доктории Сафарзода Моҳира Амиралӣ бо қарори шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27-уми октябри соли 2023, қарори № 4 тасдиқ шудааст.

Диссертант рисолаи доктории худро пеш аз хатми зинаи докторантура ба анҷом расонида, барои ҳимоя пешниҳод кардааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ гардид:**

Диссертатсия Сафарзода Моҳира Амиралӣ ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки дар шароити пуртазоди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки кишварҳои олам барои муайян намудани ҷойгоҳи худ дар сиёсатҳои геополитикӣ тамоми имконоти мавҷудаи таъсиргузорро истифода мебаранд, муайян намудани арзишҳои хоси ҳар давлату миллат ва муаррифии сазовори он дар арсаи ҷаҳонӣ шарти муҳимму тақдирсоз арзёбӣ мешавад. Муаррифии шоистаи арзишҳои давлативу миллӣ дар навбати худ имиҷи давлатро муайян мекунад.

Дар сарчашмаҳои илмӣ имиҷ ба маънои ақида, образ, симои зоҳирӣ ё маънавии касе, чизе, воқеае, маконе шинохта мешавад, ки дар ҷамъият ё дар симои шахсе ташаккул ёфтааст. Табиист, ки ҳар гуна имиҷ ниёз ба ташаккул додан ва ё ба таври арзанда сохтан дорад.

Дар ташаккули давлатҳои миллӣ имиҷсозӣ нақши муҳимму таъсиргузоре дорад ва яке аз унсурҳои асосии имиҷсозии давлат муаррифии арзишҳо ва дастовардҳои дохиливу хориҷии он ба шумор меравад. Дар шароити муосири фазои иттилоотӣ ҳар гуна муаррифӣ тавассути воситаҳои ахбори омма сурат гирифта, дар ин миён нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ таъсиргузор ва ҳадафрастар мебошад. Аз ҳамин хотир давлатҳо ин воситаҳои таблиғотиву иртиботиро бо мақсади имиҷсозии худ бештар истифода мекунанд, ки ин шеваи муаррифӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бегона нест. Раванди ташаккули имиҷи байналмилалӣ барои Тоҷикистон аз оғоз асри XXI шуруъ мегардад ва бо шаклу шеваҳои гуногун рушд карда истодааст. Ба ин хотир метавон гуфт, ки таҳқиқи ин мавзуъ аз аҳаммият холӣ нест.

**Мавзуи диссератсия** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ нишон дода шудааст, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин маводи диссертатсия бо барнома ва мавзуъҳои ба таҳқиқоти илмӣ алоқаманд пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастомада дар таҳия ва такмили воситаву барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Пажуҳиши нақши ВАО, бахусус телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи давлати Тоҷикистон дар шакли таҳқиқоти махсуси диссертатсионӣ дар фазои илмии журналистикаи тоҷик мавзуи комилан нав мебошад.

Муаллифи диссертатсия мушаххас нишон додани нақши воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла телевизион ва сомонаҳои интернетиро дар ташаккули имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон **мақсади** таҳқиқ арзёбӣ менамояд. Бо назардошти моҳият ва ҷанбаҳои назариву амалии масъалаи мавриди таҳқиқ, муайян кардани консепсияи имиҷсозии давлат, ҳамчунин, воситаҳои амалисозии он тавассути ВАО, барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ **вазифаҳои** зеринро ба миён гузоштааст:

а) заминаҳои таърихӣ, омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиву бунёдии имиҷ ва имиҷсозиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор диҳад;

б) шеваҳои муосири имиҷсозиро дар муҳити илмии имрӯза пажуҳиш намояд;

в) нақши телевизион ва сомонаҳои интернетиро дар татбиқи стратегияи имиҷсозӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад;

г) махсусияти имиҷи давлат ва роҳҳои ташаккули онро муайян кунад;

ғ) дар заминаи баррасиҳои илмӣ асосҳои ҳуқуқии имиҷсозӣ дар Тоҷикистон ва имконоти амалигардонии онҳоро вобаста ба шароити мавҷуда муайян намояд;

д) раванди сулҳсозии тоҷиконро дар контексти имиҷи давлат мавриди омӯзиш қарор диҳад;

е) махсусияти имиҷи сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва таъсири он дар ташаккули имиҷи Тоҷикистонро мушаххас нишон диҳад;

ё) нақши телевизионро дар шаклгирии имиҷи сулҳофарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи таҳлили барномаҳои телевизионӣ мушаххас намояд;

ж) ҷойгоҳи телевизион ва сомонаҳои интернетиро дар ташаккули имиҷи байналмилалии Тоҷикистон ба таври илмӣ мушаххас намояд;

з) махсусияти маводди сомонаҳои интернетиро дар алоқамандӣ ба имиҷи Тоҷикистон муайян кунад;

и) ҷойгоҳи жанрҳои публитсистӣ (жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадей)-ро дар инъикоси рӯйдодҳои имиҷсоз мушаххас созад.

Муаллифи диссертатсия ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** аз маводди шабакаҳои телевизионии давлатӣ (ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ «Варзиш», ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ») ва хориҷӣ («Мир», «Россия 24») ва сомонаҳои хабаргузориҳои АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» истифода кардааст. Илова бар ин маводди шабакаҳои иҷтимоии YouTube, Фейсбук, Instagram ва Telegram низ ба сифати заминаҳои асосии амалии таҳқиқ ба кор бурда шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои олимони тоҷик И. К. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, Б. Камолиддинов, М. С. Имомзода, А. Х. Азимов, М. Б. Муродӣ, М. А. Муқимов, М. А. Абдуллозода, Ҷ. М. Саъдуллоев, Н. Н. Солеҳов, Ш. Б. Муллоев, З. Муминҷонов, А. Ҳ. Қутбиддинов, Р. М. Бобоҷониён, Қ. Мухторӣ, Н. Ш. Бозорзода, С. Хоҷазод, Т. Ҳасанова, А. А. Раҳимов, олимони рус Е.Л. Прохоров, С. Г. Корконосенко, А.Тертичний, В.В. Ворошилов, М.Н. Ким, В.Л. Свик, Б.А. Грушин, В.В. Тулупов, Я.Н. Засурский, В. Шепел, И. К. Черёмушникова, Б.Н. Хатунсев, И.М. Синяева, В. М. Маслова,

М.Ю. Матвеев, Э.А. Галумов, Д.Н. Замятин, Д.П. Гавра, А.Н. Чумиков, О.М. Тюкаркина, Е. Джанджугазова ва дигарон ташкил додаанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои таърихӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, маълумотдиҳӣ ва контентӣ таълиф гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки нақши ВАО, бахусус телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи давлати Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад.

Диссертатсияи Сафарзода Моҳира Амиралӣ аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки ин пажуҳиш барои ҷорӣ намудани самти нав дар журналистика – нақши воситаҳои ахбори омма дар раванди имиҷсозӣ мусоидат карда метавонад. Илова бар ин хулосаву пешниҳодоти пажуҳиш дар такмили консепсияи имиҷсозии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва дорои махсусяти идоракуниву имконоти геополитикии хос таъсиргузор буда метавонад.

Натиҷаҳои таҳқиқ барои рушди илми журналистикаи ватанӣ аз аҳаммият холӣ набуда, барои васеъ намудани ҷаҳонбинии илмии журналистон ва кормандони бахшҳои робита бо ҷомеа мусоидат мекунад. Ҳамчунин маводди таҳқиқот метавонад дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олие, ки дорои ихтисосҳои журналистӣ, аз ҷумла журналистикаи байналхалқӣ ва робита бо ҷомеа мебошанд, истифода шавад.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, панҷ боб, сенздаҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва сарчашма иборат аст.

Доир ба мавзуи диссертатсия **1 монография, 29 мақолаи илмӣ**, аз ҷумла **16 мақола** дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда ва **13 мақола** дар нашрияҳои дигар ба чоп расидааст.

Маводи банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферати онро инъикос менамоянд. Рӯйхати таълифоти нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

## I. Монография

[1-М]. Сафарзода, М.А. ВАО ва ташаккули имиҷи Тоҷикиситони соҳибистиқлол [Матн]: монография / М. А. Сафарова. – Душанбе, 2025. – 190 с.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Сафарова, М.А. Мавқеи телевизион дар муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 284-288.

[3-М]. Сафарова, М.А. Нигоҳи илмие ба фаҳмиши бренд-журналистика дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – №1. (013) . – С. 218-223.

[4-М]. Сафарзода, М.А. Бозтоби симои Пешвои миллат дар барномаҳои ТВ «Тоҷикистон» [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023. – №1/4 (116) – С. 29-32.

[5-М]. Сафарзода, М.А., Кучарова, Н.А. Имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаҳои иттилоотии ИДМ [Матн] / М.А. Сафарова, Н.А. Кучарова // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №4/2 (64). – С. 442-448.

[6-М]. Сафарзода, М.А. Пешвои миллат, бренди давлат ва заминаҳои стратегии амалишавии он [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – №2 (35). – С. 201-205.

[7-М]. Сафарзода, М.А. Реклама, PR ва бренд – журналистика: умумият ва тафовут [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – №3 (36). – С. 153-157.

[8-М]. Сафарзода, М.А. Инъикоси раванди сулҳҷӯйӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2024. – №4-3 (71). – С. 478-487.

[9-М]. Сафарзода, М.А. Унсурҳои асосии имиҷсозӣ дар раванди шаклгирии имиҷи давлат [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 383-389.

[10-М]. Сафарзода, М.А. Кӯшишҳои сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон ва инъикоси он дар телевизиони «Тоҷикистон» [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (8). – С. 97-105.

[11-М]. Сафарзода М.А. Бозтоби симои Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-2 (41). – С. 231-236.

[12-М]. Сафарзода М.А. Нақши агентиҳои иттилоотӣ дар муаррифии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-1 (40). – С. 265-274.

[13-М]. Сафарзода, М.А. Инъикоси раванди сохтмони НБО «Роғун» дар Телевизиони «Тоҷикистон» [Матн] / М.А. Сафарова // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (74). – С. 578-584.

[14-М]. Сафарзода, М.А. Вижагиҳо ва имконоти маводди интернетӣ аз манзари муаррифии кишвар [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (11). – С.129-137.

[15-М]. Сафарзода, М.А., Муродӣ М. Б. Имконоти жанрҳои публитсистию бадеӣ дар намои имиҷи давлат [Матн] / М.А. Сафарова, М.Б. Муродӣ // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2025. – №3 (71). – С. 98-106

[16-М]. Сафарзода, М.А. Имиҷсозии давлат ва заминаҳои ҳуқуқии он дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (19). – С. 149-154.

[17-М]. Сафарзода, М.А. Таъйиноти тарғиботӣ ва усулҳои имиҷсозӣ дар ВАО // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3 (137). – С. 224-228.

### III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[18-М]. Сафарова, М.А. Омилҳои объективии таъсири журналист ба аудитория дар заминаи барномаҳои муаллифӣ ва нақши маҳорати суҳбатнигорӣ дар Youtube [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо». Бахшида ба 85-солагии профессор Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2020. – С. 117-122.

[19-М]. Сафарзода, М.А. Пешвои миллат ва имиҷи давлат [Матн] / М.А. Сафарова // Воситаҳои ахбори омма ва ташаккули давлатдории миллӣ. – Душанбе: ЧДММ «Нушбод», 2021. – С. 182-188.

[20-М]. Сафарзода, М.А. Бренд-журналистика дар Тоҷикистон ҳамчун усули ташаккули ВАО [Матн] / М.А. Сафарова / Маводди конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 126-131.

[21-М]. Сафарзода, М.А. Заминаҳои амаливу назариявии худсозии Пешвои миллат дар шароити муосир – намуна барои ҷавонон [Матн] / М.А. Сафарова // Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ. – Душанбе. – С. 31-38.

[22-М]. Сафарова, М.А. Нигоҳе ба равзанаи мактаби суханварии Пешвои миллат ва нишонрасу таъсиргузор будани он [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон – 5-6

октябри 2021 // Маҷмуаи мақолаҳо, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. – Данғара, 2021. – С. 204-211.

[23-М]. Сафарзода, М.А. Вижагиҳои таҳияи маводди сомонаӣ дар қолаб ва жанрҳои публитсистӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи матбуот. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С.137-144

[24-М]. Сафарзода, М.А. Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун заминаи шаклгирии имиҷи журналист дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад (маҷмуаи мақолаҳои конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ, 18 марти соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 171-176.

[25-М]. Сафарзода, М.А. Эмомалӣ Раҳмон ва шаклгирии унсурҳои нави имиҷи ҷавонон тавассути озмунҳои ҷумҳуриявӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Мактаби сиёсии Пешвои милллат. Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ – 10-11 июни 2022, ҲХДТ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. – Бохтар, 2022. – С. 161-165.

[26-М]. Сафарзода, М.А. Пажуҳиши масъалаҳои назариявии имиҷ ва имиҷсозӣ дар журналистика // Маводди конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 33-36.

[27-М]. Сафарзода М. А. Внешний имиҷ Республики Таджикистан на информационных сайтах стран СНГ [Текст] / М.А. Сафарова // Zamonaviy elektron ommaviy axborot vositalari faoliyatining taraqqiyot tendensiyalari («Тенденция развития деятельности современных электронных СМИ». – Toshkent «Mashhur-Press», 2024. – С. 64-71.

[28-М]. Сафарзода, М.А. Заминаҳои ташаккули имиҷи сайёҳии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо. – Душанбе, 2024. – С. 237-241.

[29-М]. Сафарзода, М.А.Ташреҳи воқеияти имиҷсоз дар қолаби жанрҳои иттилоотӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистикаи тоҷик дар замони муосир». – Душанбе, 2025. – С. 180-198.
[30-М]. Сафарзода, М.А. Симои Тоҷикистон дар ВАО-и хориҷӣ [Матн] / М.А. Сафарзода // Воситаҳои ахбори омма ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ. – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2025. – С. 104-116.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари муаллиф нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Самтҳо ва шаклҳои асосии саҳми шахсии довталаб дар нишондоди зерин зоҳир мегардад:

1. Ба миён гузоштани масъалаи таъсиси ниҳоди махсуси имиҷсозии давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияи имиҷсозии давлат бо назардошти махсусияту арзишҳои миллӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

2. Тавсияҳои амалии дар таҳқиқот пешниҳодшуда аз он далолат мекунанд, ки муаллиф масъаларо аз ҳар ҷиҳат ба таҳлилу баррасии илмӣ кашида, баҳри рушди фаъолияти воситаҳои ахбори омма пешниҳодҳо ироа намудааст. Аз ҷумла, таъсиси шабакаи телевизионии фаромиллӣ бо мақсади ҳамкориҳои пайваста бо расонаҳои хориҷӣ ва таҳияи мавод бо назардошти аудиторияи беруна бо ҳадафи ташаккули имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ки натиҷаи таҳлилу омӯзишҳои муаллиф мебошад.

3. Пешниҳодҳои амалӣ ва илман асосноки муаллиф барои мукаммалгардонии фаъолияти сомонаҳои интернетӣ ба хотири муаррифии ҳамаҷонибаи Тоҷикистон, боло бурдани имиҷи байналмилалии давлат ва мавқеи Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ ба манфиати давлату миллат мебошанд.

4. Аз таҳқиқот бармеояд, ки тавсияҳои амалии муаллиф дар такмили низом ва рушди фаъолияти телевизион арзиши баланд доранд.

Масъалаҳои ҳалталаберо, ки дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма мавҷуданд, метавон тавассути амалигардонии тавсияҳои илман асосноки муаллиф бартараф кард.

5. Хулосаҳои диссертант аз натиҷаи таҳлили маводи телевизиониву сомонаҳои интернетии Тоҷикистон ва тавсияҳо оид ба ҷолибгардонии намоишу барномаҳо ва мутобиқ намудани онҳо бо талаботи аудиторияи дохиливу хориҷӣ аз донишҳои назарӣ ва фаҳмиши амалии муаллиф дарак медиҳад.

6. Барои таъсиси намояндагиҳои телевизиону агентиҳои иттилоотӣ дар хориҷи кишвар ва фаъолияти журналистони тоҷику тоҷикистонӣ дар берун аз кишвар фароҳам овардани шароит зарур аст. Ба ин васила ба роҳ мондани иртиботи қавӣ бо воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ аз зумраи пешниҳодоти муаллифи диссертатсия аст, ки дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон таъсири амиқ мегузорад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи “Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Ба мавзуи диссертатсияи Сафарзода М. А., ки қаблан дар шакли “Нақши телевизион ва сомонаҳои иттилоотӣ дар ташаккули имиҷи давлат (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)” тасдиқ шуда буд, тағйирот ва тасҳеҳи зарурӣ ворид гардида, дар низоми ҳуҷҷатгузорӣ номи саҳеҳи мавзуъ «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон» ҳисобида шавад.

3. Диссертатсияи Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи “Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №4 аз 25-уми ноябри соли 2025.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи телевизион ва радиошунавонии
факултети журналистикаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Саъдуллоев Ҷ. М.

Мудири кафедра:
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулов С. Н.

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи телевизион ва радиошунавонии
факултети журналистикаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Эшматов З. А.

Имзоҳои Саъдуллоев Ҷ. М., Гулов С. Н.
ва Эшматов З. А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj